**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,**
**доктори илмҳои биологӣ, профессор**
**__________ Давлатзода С.Х.**
**«10» 11 2022 с.**

**Тақризи**

**муассисаи пешбар – кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзуи "Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924-1991)", ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович фарогири яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи илмҳои таърих мебошад. Зеро омӯзиши системаи таърихии ҷомеа ва ташаккулу инкишофи он дар шароити муосир яке аз масъалаҳои асосӣ дар низоми донишҳои таърихӣ ба ҳисоб меравад.

Таърихи тиб қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷомеа мебошад, зеро вай дар худ рушду инкишофи илм, ихтироъкорӣ, ҳолати саломатии одамон ва сабабҳои афзоиш ва пастшавии аҳолиро таҷассум мекунад. Мавзуи таърихи соҳаи тиб дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми муҳими таърихи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад

ва аз ин лиҳоз таҳқиқи ин мавзуъ на танҳо дар пешрафти илми тиб, балки барои ғанӣ гардонидани таърихи Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924-1991)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқи масъала ин аст, ки ба тариқи хронологӣ рушди соҳаи тиб дар мисоли яке аз вилоятҳои калонтарини ҷумҳурӣ таҳлил гардида, нақши он дар рушди тибби умумиҷумҳуриявӣ инъикос ёфтааст. Дар рисола инчунин таърихи тоинқилобии тиб мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳамчун тибби мардумӣ дар шакли хизматрасонии табибони гиёҳшинос ва дар шакли табобати муллоҳои динӣ нишон дода шудааст. Дар рисола инчунин нақши сохти Шӯравӣ дар сохтмони тибби замонавӣ нишон дода мешавад.

Ҳамчунин мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки зарурияти омӯзиш ва баррасии на танҳо самтҳои нави таърихи тиб дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои таҳқиқшаванда ба роҳ монда шавад, балки махсусиятҳои саҳми бузурги олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар омӯзиши таърихии ин минтақа муайян гарданд.

**Саҳми илмии муаллиф** дар омӯзиши масъалаи мазкур дар он аст, ки ӯ дархостҳои худро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан иброз намудааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқи масъалаҳои гуногуни назариявию амалӣ саҳми мутахассисони тибро дар минтақа, дар асоси омӯзиши асарҳои зиёди олимони хориҷиву ватанӣ истифода намуда, кӯшидааст, ки онҳоро ба сифати манбаъ ва захираҳои сатҳи гуногун истифода намояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои навгониҳои илмӣ мебошад. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. (саҳ. 15-19).

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои раванди ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар

минтақаи Кӯлоб ва пайомадҳои он дар замони муосир ташкил медиҳад.

Бо назардошти хусусиятҳои раванди ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақа дар замони муосир дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷрои вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудаанд:

1.Таъсисёбии аввалин муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб бевосита бо барпошавии ҳокимияти Шуравӣ алоқаманд буда таърихи он аз соли 1924 огоз гардид. Вазифаи аввалини сохторҳои тиббии ин давраро мубориза бо бемориҳои сироятӣ ташкил медод, ки барои аҳолии ин минтақа таҳдиди ҷиддиро ба бор овардаанд.

2. Дар солҳои 40-уми асри XX барои табибони вилояти Кӯлоб ва тамоми мамлакат душвориҳои нав пеш омаданд, ки бо саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) алоқа доштанд ва ин давра то соли 1945 давом кард. Дар ин давра табибони вилоят аз таҷрибаи бойи табибони дигар ҷумҳуриҳои бародар, ки бо эвакогоспиталҳои муҳоҷиршуда ба Тоҷикистон омаданд, воқиф гардида, соҳиби таҷрибаи нав гардиданд.

3. Дар солҳои баъдиҷангии 50-60-уми асри XX соҳаи тибби вилояти Кӯлоб аз ҳисоби мутахассисони нав пур гардид, ки бо тамомшавии ҷанг ба ин минтақа фиристонида шуданд. Сабаби асосии ба минтақа омадани мутахассисони дигар вилояту ҷумҳуриҳо дар хуруҷи бемориҳои сироятӣ ва нарасидани кадрҳои маҳаллӣ буд, ки мубориза бо паҳншавии бемориҳоро боз ҳам душвор мекард.

4. Аз ҳамин лиҳоз сиёсати давлати Шӯравӣ дар давраи минбаъдаи солҳои 1970-1992 ба таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ ва омода кардани мутахассисони соҳаи миёна дар омӯзишгоҳҳои тиббии Тоҷикистон ба миён гузошта шуд. Дар ин давра бори аввал кори мустақилонаи мутахассисони маҳаллии минтақаи Кӯлоб дар мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб ба роҳ монда шуд, ки дар натиҷаи чунин сиёсат то солҳои 90-уми асри XX дар собиқ вилояти Кӯлоб пурра масъалаи таъмини соҳа бо кадрҳои маҳаллӣ ҳаллу фасл гардид.

5. Дар баробари ҳамин аз миёни зодагони Кӯлоб олимони соҳаи тиб баромаданд, ки дар инкишофи илми тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазо гузоштанд.

6. Корҳои илмии олимони зодаи Кӯлоб на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз он шуҳрати калонро пайдо карданд ва барои бартараф кардани бемориҳои сироятӣ дар минтақаи Кӯлоб ва дар тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя саҳми босазо гузоштанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Дар мавзуи мазкур бори аввал таърихи тиб ҳамчун яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтсодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар рафти тадқиқот душвориҳо ва комёбиҳои соҳаи тиб дар ҳар давру замон омӯхта шуда, аҳамияти онҳо барои ҷомеа аз нуқтаи назари сиёсӣ ва таърихӣ баҳогузорӣ гардид. Дар тадқиқот бори аввал дар мисоли минтақаи Кӯлоб фактҳои фавти одамон аз сабаби бемориҳои сирояткунанда рӯйи кор оварда шуд. Дар навбати худ дар рисола сабабҳо ва оқибатҳои кори тиб дар замони шӯравӣ таҳлил гардида, саҳми ин сохтор дар барпокунии тибби замонавӣ оварда шудааст. Дар рисола мо кӯшиш кардем, ки аз доираи илми таърих берун набаромада, рушд ва инкишофи соҳаи тибро бо тамоми хусусиятҳояш мавриди таҳлил қарор диҳем. Дар рафти тадқиқот факту рақамҳои нав аз бойгонии собиқ вилояти Кӯлоб, хотираҳои собиқадорони соҳаи тиб, маълумотҳои оморӣ ва дигар сарчашмаҳо истифода гардиданд, ки барои илми таърих ва бахусус таърихи тиб ҳамчун асноди нав мавқеи худро нишон намуданд.

Рисолаи мазкур аввалин тадқиқоти илмие мебошад, ки дар шакли умумӣ ва таърихӣ рушди соҳаи тибро дар собиқ вилояти Кӯлоб дар давраи солҳои 1924-1991 мсомӯзад. Дар рисола бори аввал маълумотҳои таърихӣ дар бораи таъсисёбии муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб ҷамъоварӣ ва таҳлил гардиданд. Дар маҷмуъ навоварии мавзуи мазкур нуктаҳои зеринро дар бар мегирад:

- дар рисола бори аввал вазъияти тибби тоинқилобӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар ин давра мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Дар баробари ҳамин таъсири ин бемориҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ва таъсисёбии системаи тибби замонавӣ нишон дода мешавад;

- вобаста ба вазъияти давраи солҳои 20-уми асри XX дар рисола бори аввал қаҳрамонии табибони он давра бар хусуси мубориза бо бемориҳои сироятӣ таҳлил гардида, нақши табибони ҳарбӣ дар таъсиси тибби муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

- дар баробари ин дар рисола раванди гузариши соҳаи тиб аз давраи аморати Бухоро то ба давраи Шӯравӣ таҳлил шуда, аҳамияти ин раванд аз нуқтаи назари илмӣ нишон дода мешавад;

- таҳлили рушди соҳаи тиб дар замони Шӯравӣ нишон медиҳад, ки нақши асосиро дар ин самт мутахассисон бозиданд ва аз ҳамин лиҳоз дар рисола бори аввал тартиби тайёрии кадрҳои соҳаи тиб ва нақши онҳо дар таъсиси соҳаи тибби минтақаи Кӯлоб муайян карда мешавад;

- дар рисола саҳми кормандони тибби дигар халқу миллатҳо низ оварда мешавад, ки номи онҳо бори аввал дар саҳифаҳои таърих сабт

гардиданд. Дар рисола фаъолияти онҳо зина ба зина нишон дода мешавад ва дар баробари ҳамин хизматҳои онҳо барои барпо кардани соҳаи тибби Кӯлоб мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд;

- дар рисолаи мазкур бори нахуст далелҳои муқоисавӣ дар хусуси хуруҷи бемориҳои сироятӣ дар вилояти Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо вилоятҳои ҷумҳурӣ ва инчунин Ҷумҳурии Ӯзбекистон оварда шуданд. Чунин таҳлили муқоисавӣ имкон медиҳад, ки сатҳи рушди тиб дар ин ҷумҳуриҳо мавриди муқоиса гузошта шавад;

- дар кори илмии мазкур бори нахуст даврабандии қадамҳои мутахассисони маҳаллӣ ба соҳаи тибби Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ оварда шуда, хизматҳои онҳо ба таҳлили ҳаматарафа гузошта шуд;

- дар рисола бори аввал дар доираи илми таърих раванди инкишофи соҳаи тиб дар минтақаи Кӯлоб мавриди таҳлил қарор гирифт ва дараҷаи омӯзиши ин соҳа аз тарафи олимони таърих ва дигар соҳаҳои илм оварда мешавад;

- ҳамчунин сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи таъсисёбӣ ва фаъолияти соҳаи тиб дар давраҳои мухталифи рушди ин соҳа мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтанд;

- натиҷаҳои дар рисола овардашуда имкон медиҳанд, ки бори нахуст таърихи рушди соҳаи тиб дар микёси минтақаи алоҳида барои тадқиқоти минбаъда ба роҳ монда шавад ва ин интихоби рафти тадқиқот имкон медиҳад, ки рушди соҳаи тиб амиқ ва чуқур омӯхта шавад.

**Аҳамияти назариявӣ.** Аҳамияти назариявии тадқиқоти мазкур дар он аст, ки дар рафти он маълумотҳои зиёд дар бораи таърихи тибби Тоҷикистон, ки то ба ин дам таҳқиқ нашуданд, ҷамъоварӣ гардида дар шакли рисолаи илмӣ ба тасвиб расонида шуданд. Инчунин рисолаи мазкур аҳамияти методологӣ дорад, ки барои тадқиқотҳои минбаъда роҳҳои таҳқиқ ва усулҳои корро нишондод менамояд.

**Арзиши амалӣ.** Аҳамияти амалии рисола дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун маводи дарсӣ дар коллеҷҳо ва донишгоҳҳои тиббӣ истифода шавад, то ки донишҷӯён тавассути он аз таърихи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли як минтақа аз наздик шиносоӣ пайдо намоянд. Ба ғайр аз ин, рисолаи мазкур таърихи тиб ва умуман таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо факту рақамҳои нав ғанӣ мегардонад. Соҳаи тиб ҳамчун соҳаи муҳими хизматрасонӣ қисми асосии сохторҳои аҳамияти тиббӣ доштаи ҷомеаро дар бар мегирад. Соҳаи тиб сиҳату саломатӣ, паст ва баландшавии шумораи аҳолӣ, тарзи ҳаёти одамон ва дигар равияҳои ҷомеаро мавриди таҳлил қарор медиҳад ва аз ин лиҳоз омӯзиши таърихи он хатогиҳои гузаштаро нишонрас намуда дурнамои

рушди соҳаро пешбинӣ мекунад.

Муқарраротн асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия барои мутахассисони соҳа, барои таҳқиқоти илмӣ ва амалии эшон самарабахш мебошад. Бо мутолиаи маводи ҷамъоваришуда дар диссертатсия, ба сурати беҳтар ба таҳқиқоташон муваффақ хоҳанд гардид.

Ҳамчунин таъмини курси махсус дар шуъбаҳои факултетҳои таърихи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест, аз ин рӯ, ин диссертатсия барои омӯзиши донишҷӯёни риштаи таърих бисёр муҳим ва арзишманд мебошад, махсусан донишҷӯёни тоҷик.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот** аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Тавсиби натиҷаҳои диссертатсия дар корҳои интишоргардида.** Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври пурра инъикос менамоянд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 19 мақолаҳои илмӣ баён гардидаанд, ки аз онҳо 10 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттесатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Диссертасия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, ки дарбаргирандаи ҳафт зербоб аст, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 180 саҳифаи матни компютерӣ ташкил медиҳад.

Муаллиф дар боби якуми рисолаи худ, ки **"Таъсисёбии муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-60-уми асри XX"** ном дошта, аз се зербоб иборат аст, масъалаҳои таъсис ва фаъолияти аввалин муассисаҳои тиббӣ ва рушди соҳаи тандурустии минтақаро аз нигоҳи консептуалӣ қарор додааст.

Дар **зербоби якуми боби якум** муаллиф барпошавии Ҳокимияти Шӯравӣ ва заминаҳои таъсиси аввалин муассисаҳои тиббиро дар нимаи дуввуми асри гузашта таҳқиқ намуда, таъкид месозад, ки рушди

минбаъдаи соҳаи тандурустӣ омили пешравии солимии шаҳрвандони минтақа гардид. Муаллиф менигорад, ки тиб ҳамчун соҳаи хизматрасонӣ ба мардум бо мақсади табобат аз бемориҳо ҳанӯз пеш аз давраи инқилоби Октябр дар байни мардум амал мекард ва бо шифо гардонидани беморон шахсоне машғул буданд, ки тарзу роҳи табобати баъзе бемориҳоро аз падару модар ва ё аз табибони маҳалии ботаҷриба омӯхта буданд. Баъди инқилоби Октябр ва барпо гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ марҳилаи нав – тибби замонавӣ оғоз мегардад.

Дар **зербоби дуюми боби якуми** рисола муаллиф таъкид месозад, ки фаъолияти табибон ва кормандони соҳаи тиб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) хело душвор гардид. Муаллиф қаҳрамонии табибони минтақаи Кӯлобро дар ин давра нишон дода, махсусан мубориза онҳоро бо бемориҳои сироятӣ ёдрас мешавад. Дар ин давра аз хатти фронт ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон госпиталҳо кӯчонида шуданд, ки дар онҳо чандин кадрҳои ҷавон дар табобати ярадорони ҷанг дар баробари олимон ва профессорони соҳаи тиб ҷасурона меҳнат карда, дониши тиббии худро сайқал медоданд. Аз ҳамин ҷиҳат кӯчонидани госпиталҳо ба Осиёи Миёна ва бахусус ба Тоҷикистон барои рушди соҳаи тиб аҳамияти калон дошт. Дар давоми фаъолияти ин госпиталҳои ҳарбӣ шумораи зиёди кормандони тиб ба воя расиданд ва соҳиби таҷрибаи бойи тибби ҳарбӣ гардиданд.

Дар **зербоби сеюми боби аввал** масъалаи рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 50-60-уми асри XX мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ибтидои соли 1950 бо дастгирии Вазорати тандурустии Тоҷикистон ва бо ташаббуси шуъбаҳои тандурустии вилоятӣ ва шаҳрӣ сохтмони беморхонаи кӯдакона оғоз ёфт.

Ҳамчунин муаллиф қайд менамояд, ки солҳои 70-ум таъминоти аҳолӣ бо кадрҳои баландихтисоси тиббӣ хеле беҳтар шуд ва таъмини пурраи соҳаи тиб бо кадрҳои маҳаллӣ анҷом ёфт.

Боби дуввуми рисола **«Сиёсати давлати Шӯравӣ дар таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар солҳои 1970 - 1991»** номгузорӣ шуда, рушди минбаъдаи соҳаи тибро инъикос мекунад.

Дар **зербоби аввали боби дуюм** қайд гардидааст, ки ба тамоми пешравиҳои соҳаи тиб нигоҳ накарда, дар вилояти Кӯлоб мутахассисони соҳаи тиб аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ намерасиданд. Солҳои 1950-1951 баъди хатми омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе аввалин ҳамшираҳои шафқат, ки дар хонаи кӯдакони ноҳия тарбия ёфта буданд, ба кор меоянд.

Дар навбати худ, муаллиф ишора менамояд, ки то солҳои 50-уми асри XX коркунони тиб бо таҳсилоти миёна ба муассисаҳои табобатии вилояти Кӯлоб аз шаҳри Душанбе ва дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ фиристода мешуданд. Бо сабаби кам будани духтурон ин гуна соҳибтахассусон дар шаҳри Кӯлоб тайёр карда намешуданд. То соли 1953 дар назди беморхонаи вилоятӣ курсҳои кӯтоҳмуддати ҳамшираҳои тиббӣ амал мекард.

Дар **зербоби дуюми боби дуввум** қайд шудааст, ки дар солҳои 70-ум низ ҳодисаҳои сар задани бемориҳои карантинӣ мушоҳида мешуд. Сабаби сар задани ин бемориҳо асосан дар он буд, ки аз ҳудуди Афғонистон сарчашма гирифта, тавассути паррандаҳо ва ҳайвонот ба тарафи ноҳияҳои сарҳадӣ гузашта, дар ин ҷо паҳн мешуд. Чунончи солҳои 1973-1974 дар вилояти Кӯлоб аз он ҷумла дар қишлоқҳои Арабҳо ва Ғараби ноҳияи Москва (Ҳамадонӣ) ҳодисаи сар задани бемории малярия ба назар расид.

Муаллиф менигорад, ки моҳи августи соли 1974 қарори Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон «Оиди пешгирии бемории малярия дар Тоҷикистон» баромад, ки дар он дар назди шуъбаҳои тандурустии вилоятҳо вазифаи иҷро намудани қоидаҳои санитарию гигиенӣ гузошта шуд. Дар навбати худ, Вазорати маорифи ҶШС Тоҷикистон тақсимот ва ба ҷои кор ҳозиршавии мутахассисонро таҳти назорати қатъӣ гирифт. Илова бар ин натиҷаи бо ҷои кор ва хона таъмин шудани мутахассисони ҷавон дар охири сол дар коллегияи Вазорати маориф ва Вазорати тандурустӣ муҳокима гардид.

Дар **зербоби сеюми боби дуввум** масъалаҳои асосии алоқаманд ба рушди тибби вилояти Кӯлоб дар марҳилаи охирони давлатдории Иттиҳоди Шӯравӣ таҳлилу таҳқиқ гардидаанд.

Муаллиф таъкид месозад, ки дар солҳои 80-ум дар таърихи давлатдории Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун давраи пешрафту тараққиёти тамоми соҳаҳои ҷомеа ва аз он ҷумла соҳаи тиб дониста мешавад. Дар системаи тиббии шаҳру ноҳияҳои вилояти Кӯлоб миқдори коркунони соҳаи тандурустӣ афзуда, табибони дорои таҳсилоти олӣ зиёд гардиданд. Баъди солҳои ҳаштодуми асри XX соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб рӯ ба инкишофу беҳбудӣ ниҳод, чунки дигар соҳаҳои хоҷагии халқ низ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шуда буданд.

**Зербоби чоруми боби дуввум** оиди масъалаҳои саҳми табибони минтақа дар рушду пешрафти илми тиб дар кишвар маълумотҳои илмӣ пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, муаллиф меафзояд, ки дар давраи Шӯравӣ ва дар замони истиқлолият дар ин минтақа на танҳо масъалаи

таъмини соҳаи тандурустӣ бо мутахассисон ҳал гардид, балки аз миёни онҳо олимони варзидаи соҳаи тиб бaромаданд, ки дар рушди илми тиб саҳми босазо гузоштанд. Аз нимаи дуввуми солҳои 70-ум қадамҳои аввалини олимони тоҷик ба илми тиббӣ муосир оғоз гардиданд.

Хулосаву натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф аҳамияти муҳимми илмию назариявӣ ва амалиро соҳибанд, зеро онҳо барои муайян кардани самтҳои асосии таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб мусоидат менамоянд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин муваффақиятҳо дар диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович баъзе норасогиҳо мавҷуданд, аз ҷумла:

1. Муаллиф ҳангоми омӯзиши масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи рушду инкишофи муассисаҳои тиббии минтақа бештар ба таҳқиқотҳои олимони беруна такя намуда, ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ камтар таваҷҷуҳ намудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот, ақалан дар бораи якчанд нафар олимони тоҷик маълумотҳо пешниҳод менамуд.

2. Диссертат дар кори илмӣ бештар ба таъмини кадрҳои тиббии аз кишварҳои Шӯравӣ воридшуда диққат додааст. Хуб мешуд, ки саҳми кадрҳои тиббии маҳалии минтақаро ба таври возеҳ дарҷ мекард.

3. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоию техникӣ чашм мерасанд.

Дар маҷмӯъ эродҳои номбаргардида ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Хулоса, диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзуи "Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924-1991)" ба талаботи банди 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори шарафёб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Тақриз ба талаботи банди 62-и Низомномаи Шӯроҳои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст ва талабот бандҳои 74-77, 79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Тақризи мазкур дар маҷлиси кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 8-уми ноябри соли 2022, суратмаҷлиси № 1 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлиси кафедра 20 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 20 нафар, "муқобил" нест, "бетараф" нест.

Ташхисгар:
Дотсенти кафедраи таърихи
халқи тоҷик,
номзади илмҳои таърих Наботов Файзидин Сайфидинович

Раиси маҷлис:
Мудири кафедраи таърихи
умумӣ ва фарҳангшиносӣ,
доктори илмҳои таърих,
дотсент Алимов Давлаталӣ Халилович

Котиби маҷлис: Абдуллоев Ҷовидон Файзуллоевич

Имзоҳои д.и.т., дотсент Алимов Д.Х., дотсент Наботов Ф.С.
ва омӯзгор Абдуллоев Ҷ.Ф.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори ШК ва КМ МДТ "ДДБ
ба номи Носири Хусрав" Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Суроғаи муассиса:
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
МДТ "ДДБ ба номи Носири Хусрав"
http://www.btsu.edu.tj
Телефон: +992 (+832-22) 2-54-81; +992 98 902 42 03;
Почтаи электронӣ: ktsu78@mail.ru

«10» 11 2022 с.